Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълими 7)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

Фаъолияти босамари муассисаҳои қарзӣ дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷомеа нақши муҳим мебозад, зеро бонкҳо муҳаррики рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбанд. Ташкили иқтисодии таъмини устувории бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ба ташаккули бисёр шаклҳои устувори хизматрасонӣ, тиҷоратию истеҳсолӣ, коҳиши бекорӣ ва дар натиҷа ба афзоиши даромаднокию рушди иқтисодиёти минтақаҳо ва қабл аз ҳама To□икистони азиз таъсири мусбат мерасонад.

Имрӯз устувории молиявии низоми бонкӣ ҳамчун хосияти умумии ифодакунандаи вазъи пойгоҳи молиявӣ, ки тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таъмин менамояд, баррасӣ мешавад. Дар шароити таъсири хавфҳои молиявӣ, ки паёмади буҳрони молиявии ҷаҳонӣ мебошанд ва ба норасоии назарраси захираҳои молиявии аксари бонкҳои тиҷоратии мамлакат боис шудаанд, таҳқиқ ва арзёбии устувории бонкҳо аҳамияти бештар пайдо намудааст.

Вазифаи стратегии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонии бонкӣ, балки зарурати таҳкими мақоми худ дар фазои бонкӣ мебошад, ки ин ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, мустақилона дар доираи меъёрҳои аз тарафи умум қабулшуда фаъолият намоянд ва дар ин радиф фазои бозореро ташкил диҳанд, ки ба принсипи эътимоднокӣ ҷавобгӯ бошад. Маҳз эътимоднокии бонки тиҷоратӣ барои мизоҷон дар мавриди интихоби ташкилоти молиявию қарзӣ ҳамчун миёнарави боэътимод дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ яке аз маҳакҳои муҳимтарин ба шумор меравад.

Вобаста ба сохтор, услуби эҷод, масъалагузорӣ, муҳокима ва тавсияи пешниҳодҳо маълум мегардад, ки муҳақиқ мустақилона метавонад дар соҳаи интихобкардаи илмию таҳқиқотии худ роҷеъ ба шинохт ва бартарафнамоии дилхоҳ мушкилот мустақилона ташаббус нишон диҳад.

Дар баробари ин Ҳаёзода Қ.А. бо мақсади асоснок намудани муҳимияти илмию методологии таъмини устувории низоми бонкӣ аз хулосаҳои олимони ватанию хориҷӣ хуб истифода намудааст.

Ҳаёзода Қ.А. зимни таҳқиқотҳои худ нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, динамикаи нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо, нишондиҳандаҳои асосии уҳдадориҳо ва сармояи худии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҳисобкунии

нишондиҳандаҳои кифоятии сармояи ҶСК «Бонки Эсхата», бақияи пулҳои нақди дар муомилот қарордошда ва талаботи методологии вобаста ба маълумотҳои расмии мавҷударо хуб таҳлил намуда, ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷоёдошта тавсияҳои муфид мешниҳод намудааст. Аз нигоҳи мо амалигардонии пешниҳодҳои тавсиянамудаи муҳаққиқ метавонанд дар устувории низоми бонкӣ, инчунин рушди минбаъдаи иқтисодиёти мамлакат заминаи мусоид гузошта бошанд.

Хулоса, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дониши мукаммали назариявӣ ва таҳлили маводҳои амалӣ ба унвонҷӯ имконият додааст, ки дар автореферат ба таври мухтасар аз нуқтаи назари илмӣ хулосаҳои судманди илмӣ пешниҳод намояд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шуда, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд.

Дар радифи бартариятҳои кори мазкур мехостам тавсия намоям, ки бо истифода аз моделҳои риёзию иқтисодӣ вобастагии даромаднокии сармоя ва даромаднокии дороиҳоро баҳогузорӣ менамуд, сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

Ҳаёзода Қ.А. дар иҷрои мақсад ва вазифаҳои дар назди худ гузошташуда, саривақт баромада тавонистааст. Эродҳои мо хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва асарбахшии кор таъсир намерасонанд.

Бартариятҳои таҳқиқоти мазкур аз он далолат медиҳанд, ки рисолаи илмии Ҳаёзода Қиёмуддин Амонулло дар мавзуи «Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ» ҳамчун кори ба анҷом расида ҷавобгӯи талаботи низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз ) арзанда дониста мешавад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи фаъолияти бонкии**
**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,**
**н.и.и, и.в., дотсент** **Ҳалимов Л.М.**

**Имзои Ҳалимов Л.М.-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДТТ** **Пирзода С.С.**

26.02.2025

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Деҳоти 1/2.
www: www.tguk.tj Email: mail@ddtt.tj; tguk@mail.ru
Телефон: +992(37) 234-83-46 +992(37) 234-85-46